# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D020300 -Таърих 6D0203-01- Таърихи ватанӣ**

Санъати саҳнавӣ, мусиқӣ, синамо барои рушди маънавиёти ҷамъият мақоми хосае доранд. Ҳамчунин барои ташаккул ёфтани низоми арзишҳо ва ахлоқи миллӣ ин соҳаҳои санъат моҳияти махсус дошта, аз ҷониби давлат дар ин самт сиёсати муайяне ба роҳ монда шудааст. Маҳз сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг бо мақсади ташаккули ҷаҳони маънавӣ, ҳамзамон фароҳам овардани фазои мусоид баҳри пешбурди он муайян карда шудааст. Фарҳанг симои муосири миллат ва давлатро муайян мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки санъати саҳнавӣ, ки падидаи иҷтимоии башарият ҳасту дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷавҳари ҳастии миллат эътироф шудааст, баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, шинохти таърихи ибратомӯзи ниёгон ва комёбиҳои муассири замони истиқлолият мусоидат намояд. Вақте фарҳанг ҳастии ҳар халқу миллат шинохта мешавад, пас маҳаки асосии худшиносӣ низ, пеш аз ҳама, худи камолоти фарҳангӣ ва ҳастии маънавии ҳамон миллат хоҳад буд. Маълум аст, ки фарҳанги маънавии мардуми тоҷик аз як хазинаи пурбори таъриху фарҳанги ирфонӣ сарчашма мегирад, ки солҳо дар масири мавҷудияти таърихи миллати тоҷик, дар эҳё ва идомаи ҳастии таърихи миллат нақши созгор гузоштааст. Театр пайвандгари маънавии наслҳо буда, рукни муҳиму барҷастаи фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Интихоби дурусти методологияи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бо истифода аз методҳои умумиилмии дар таҳқиқи илмҳои сиёсӣ пазируфта ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намояд.

Яқубшоев Афруз тавонистааст мақсад, объект ва предмети таҳқиқоти худро муайян ва консепсияи омӯзишӣ ва таҳлилии худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ин бошад, ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар доираи мақсаду вазифаҳои гузошта анҷом диҳад.

Сохтори диссертатсия аз диди мантиқӣ бо пайдарҳамии хос мураттаб гашта, масъалаҳои гузошташуда бо ҳам робитаи зичи мазмунӣ ва мантиқӣ доранд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб,

хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Муаллиф тавонистааст, ки ҳар як масъалаи дар доираи бобу зербоб ҷудокардаи худро пурра ва ҳаматарафа таҳлил намояд.

Навгонии илмӣ ва назариявии таҳқиқот дар муайянкунии хусусиятҳо ва шаклҳои рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият инъикос мегардад. Муаллиф бо риоя аз услуби илмӣ навгониҳои диссертатсияро мушаххас, фаҳмо ва асоснок нишон дода, дар матни диссертатсия ҳар яки онҳо ба таври зарурӣ асоснок карда шудаанд.

Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шуда, эътимоднокии баланд доранд. Зеро масъалаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки онҳоро воқеияти таърихӣ собит месозад.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳам мазмуни масъалаҳои асосии диссертатсияро ифода намуда, ба таври асоснок нишон дода шудаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои ба дастомада мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ пурра инъикос намуда, бо риояи услуби илмӣ таҳия шудаанд.

Муаллиф дар давраи таҳқиқот мақолаҳои зиёди илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки дар аксари онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд. Ин бошад аз камолоти илмии муаллиф шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои ҷумҳуриявию академиявӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ширкат намудааст.

Раванди таҳқиқи диссертатсионӣ нишон дод, ки Яқубшоев Афруз қобилияти хуби пешбурди корҳои таҳқиқотиро дошта, вобаста ба мавзуи мазкур донишҳои мукаммал дорад. Ин ҳама имконият дод, ки мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқу натиҷабардорӣ карда шавад.

Нуктаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин муносибати мустақилонаи муаллиф ба маводи таҳлилшаванда, таҳияи мустақилонаи таклифу пешниҳод ва асосноккунии мавқеъҳои назариявию амалӣ мебошад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботи ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ба инобат гирифта шудаанд.

Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда риоя гардидааст.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» кори ба анҷом расида ҳисобида шуда,он ба асоси «Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) комилан ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D0203- 01-Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Д. и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ** **Расулиён Қ.**

**Имзои Расулиён Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**